Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004-и
дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш .Душанбе, х. Рудакӣ, 17).

**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи илмии Одинаев Комрон Саидаброрович дар мавзӯи “Асосҳои назариявии равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шуда аст**

Бояд қайд намуд, ки мавзӯи интихобнамудаи Одинаев К.С. актуалӣ ва саривақтӣ барои иқтисоди миллии кишварамон ба ҳисоб меравад. Чунки масъалаҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ қисмати асосии сиёсати иқтисодии Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад. Равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ хусусияти дупаҳлуӣ доранд. Аз як тараф давлат кӯшиш менамояд, ки шумораи муҳоҷиронро кам намояд, то ин ки онҳо дар дохили давлат кор ва фаъолият намоянд, аз тарафи дигар бошад, муҳоҷирати меҳнатӣ ин равандест, ки дар тамоми давлатҳо мушоҳида карда мешавад ва пешгирии он дар бисёр ҳолат номумкин аст. Аз ин рӯ барои иқтисодиёти мо зарур аст, ки тавозуни онро дарёфт намоем. Муаллиф дар ин самт кӯшиш намуда аст, ки асосҳои назариявии ин масъаларо мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Автореферати Одинаев К.С. нишон медиҳад, ки муллиф масъалаҳои зиёди вобаста ба равандҳои муҳоҷирати меҳнатиро аз лиҳози методологӣ асоснок намуда барои амалияи иқтисоди миллии кишвар тавсияҳои асоснок ва манфиатовар пешниҳод менамояд.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбии автореферати муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки таъсиси марказҳои реинтегратсионӣ барои дастгирии муҳоҷирони баргашта ва бо ҷой кор таъмин намудани онҳо пешниҳоди саривақтӣ ва актуалӣ ба

ҳисоб меравад. Ин гуна марказҳо ба ақидаи муаллиф метавонанд ҳамчун марказҳои махсус ба хотири дастгиригии муҳоҷирони баргашта хизмат намоянд. Ғояи асосии таъсиси чунин марказҳо ин пеш аз ҳама таъсиси ҷойҳои кории нав мебошад. Барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таъсиси ҷойҳои корӣ яке аз муаммоҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, идеяи пешниҳоднамудаи муаллиф саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки автореферат инчунин яккатор камбудиҳо ва хатогиҳоро дорост, ки онҳоро бояд қайд намуд:

1. Хуб мешуд агар муаллиф диққати асосиро ба асосҳои институтсионалии ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатӣ равона месохт. Шояд ин қисматҳо дар матни диссертатсия инъикос ёбанд. Хотиррасон менамоям, ки ин қисмат бениҳоят муҳим аст ва ба инобат гирифтани асосҳои институтсионалӣ ба мо имкониятҳои зиёдро дар ҳисобу китоб ба даст меорад;

2. Дар саҳ. 11 (ҷадвали 2) тасаввуроти мухолифро дар бораи муҳоҷират ва рушд нишон медиҳад, вале дар матни автореферат таҳлили тасаввуроти хушбинон ва пессимистони муҳоҷират мушоҳида карда намешавад. Хуб мешуд, агар муаллиф алоқамандӣ ва нуқтаи назари шахсиро оиди гуфтаҳои олимон ибрози андеша менамуд.

Эродҳои гуфташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор гуфта шудаанд.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки автореферати илмии Одинаев Комрон Саидаброрович дар мавзӯи "Асосҳои назариявии равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ пешниҳод шуда аст ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои

иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01. – назарияи иқтисодӣ (илмҳои иқтисодӣ) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини директор оид ба илм ва
инноватсияи Муассисаи давлатии
таълимии Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Ризокулов Т.Р.

Тасдик менамоям имзои Ризокулов Т.Р.

Сардори ШК__________________ Бобоев Б.Ё